Ғусли рӯзи ҷумъа барои ҳар шахси ба балоғат расида воҷиб аст ва ин ки мисвок кунад ва агар атр дошта бошад, хушбӯйи кунад

Аз Амр ибни Сулайми Ансорӣ ривоят аст, ки гуфт: Гувоҳӣ медиҳам, ки Абусаъид гуфт: Гувоҳӣ медиҳам, ки Расули Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуд: "Ғусли рӯзи ҷумъа барои ҳар шахси ба балоғат расида воҷиб аст ва ин ки мисвок кунад ва агар атр дошта бошад, хушбӯйи кунад."

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба таври равшан баён кардааст, ки ғусл дар рӯзи ҷумъа барои ҳар мусалмони болиғ, ки намози ҷумъа бар ӯ воҷиб аст, мавриди таъкид аст, монанди ин ки воҷиб бошад. Ва дандонҳояшро бо мисвок ва амсоли он пок кунад. Ва бо ҳар атре, ки дорад худро хушбӯй кунад.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/10036